# ТАҚРИЗИ

мукарризи расмӣ ба диссертатсияи Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна дар мавзӯи "Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбики технологияи инноватсионии муосири таълим", ки ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 026- и назди Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ пешниход шудааст.

Барои асоснокии гузориши масъалаи татбиқи омӯзиши технологияи муосири инноватсионии таълим дар омодагии касбии омузгорон мантиқан сабабҳои воқеии ба миён омадани эҳтиёҷот ба омӯзиши технологияи инноватсионӣ ва мавқеи он дар низоми макотиби олӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад, зеро ин санад ба исбот расидааст, ки фаъолияти касбии омӯзгори макотиби олӣ дар замони муосир ба татбиқи ин навъи муносибат алоқаи мустаҳкам дорад. Робита ба ин дар ҳуҷҷати муҳими давлатӣ "Стратегияи рушди миллии маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030" қайд шудааст, ки омӯзгор дар шароити ҷомеаи муосир бояд дорои дониши амики ҳамаҷониба инкишофёфта ва малакаҳои касбии ҳамгиро бошад, то татбики вазифаҳои худро бо азму иродаи қавӣ таъмин намояд, қодир ба иҷрои амалҳои эҷодӣ оид ба сохти технологияи инноватсионӣ ва намунавии робитаҳои коммуникатсионии раванди таълим бошад, қобилияти гузаронидани таҳлили мантиқии маводи таълим ва таҳияи сохтори инноватсионии он, ҳамгироии робитаҳои байнифаннӣ, муайян кардани сохтори шифоҳӣ ва хаттии инноватсионии таълим, инкишоф додани фаъолият ва мустақилияти фаъолияти таълимии омӯзгорони оянда бошад.

Аз ин нуктаи назар, интихоби мавзӯъ ва коркарди илмии дар шакли таткиқоти диссертатсионӣ аз тарафи Ахмедова Манижахон

Фаррухҷоновна дар марҳилаи кунунии рушди маориф ва илмҳои педагогӣ ҳамчун мавзуи муҳим ва зарурии илми муосир махсуб меёбад.

Дар таҳсилоти олии Тоҷикистон тамоюли ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионии муосири таълим, шаклу усулҳои фаъоли таълим дар макотиби олӣ, ки ба таъмини азхудкунии мазмуни муосири таълим нигаронида шуда, андешидан ва амалӣ намудани маҷмӯи тадбирҳо оид ба дигаргунсозии равандҳои педагогӣ дар асоси технологияи инноватсиониро тақозо менамояд, ки онро технологияи инноватсияи маориф меноманд. Тамоми субъектҳои системаи маорифро барои татбиқи раванди инноватсионии таълим ва раванди технологияи таҳсилоти бо он алоқаманд омода кардан зарур аст.

Диссертатсияи муҳаққиқ Ахмедова М.Ф. аз муқаддима, ду боб, хулосаи бобҳо, хулосаи умумӣ, феҳристи адабиёт ва замимаҳо иборат аст. Дар муқаддимаи диссертатсия аз тарафи муаллиф оид ба мубрамияти мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ, тавсифи умумии таҳқиқот, мақсад, объект, предмет, фарзия ва усулҳои таҳқиқот, марҳилаҳои он, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишӣ, мӯътамадии натиҷаҳои диссертатсия, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳо, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот маълумоти пурра дода шудааст.

Қисмати аввали диссертатсия бо асосҳои илмӣ – назариявии масъалаи татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим бахшида шудааст, ки дар он таткиқотҳои илмии психологӣ – педагогӣ, заминаҳои барномавӣ – методии таълиму тарбиявии макотиби олӣ мавриди омӯзиш, таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст

Қисмати дуюми кори таткиқотиро асосан ташкилу баргузорӣ ва таҳлилу натиҷагирӣ аз корҳои озмоишӣ – таҷрибавӣ ташкил намудааст.

Ба ақидаи муаллиф имрӯзҳо масъалаи баланд бардоштани сатҳи дониши омӯзгорони макотиби олӣ ба истифодабарии технологияи инноватсионии муосири таълим, ки самти асосии ташаккули

мутахассисони соҳибкасб маҳсуб меёбад, хеле муҳим аст. Аз ҷониби муаллиф нуктаҳои асосии навгонии илмӣ хеле хуб нишон дода шудааст, ки онҳо аз нуктаҳои зерин иборатанд: - мафҳуми «технологияи инноватсионии муосири таълим» мушаххас карда шудааст: - модели самаранокии раванди омодасозии омӯзгори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба истифодаи технологияҳои муосири инноватсионии таълим аз рӯи меъёру нишондиҳандаҳои мувофик таҳия гардидааст;-шароитҳои ташкилию педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба истифодаи технологияҳои муосири инноватсионии таълим муайян карда шудаанд; - мафҳуми «муҳити мутобиқшавӣ»-ро ҷорӣ намуда, зарурати истифодаи муҳити мутобиқшавӣ дар баланд бардоштани самаранокии раванди омодасозии омӯзгори макотиби олӣ ба истифодаи технологияҳои муосири инноватсионии таълим асоснок карда шудааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқоти гузаронидаи Ахмедова М.Ф. дар он зоҳир мегардад, ки асосҳои назарӣ, шароит ва қоидаҳои имконияти педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ бо истифодаи технологияҳои муосири инноватсионии муосири таълим муайян гардиданд, ки барои аз ҷониби донишҷӯён аз худ намудани донишу маҳоратҳои касбӣ дар фаъолияти ҳаёти минбаъдаи онҳо зарурӣ ва инкишофи қобилияти эҷодии онҳо мусоидат менамоянд; мафҳуми «технологияҳои инноватсионии муосири таълим» ҳамчун тавсифи ҳамгиро инкишофёбандаи шахсият ифода гардидаанд; робитаҳои қонунӣ, ҳамбастаи байни ҷузъҳои ташкили дидгоҳи ба шахсият нигаронида, ки дар таълими донишҷӯён татбиқ мешавад, ошкор шудаанд.

Натиҷаҳо ва хулосаю тавсияҳои коркардашудаи муаллифи рисола ба аҳамияти назарраси амалӣ молик буда, дар нуктаҳои зерин ифода ёфтаанд: коркарди шартҳои педагогӣ, технологияи дидактикӣ бо ҳадафи омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим, ҳамчунин татбиқи он дар раванди

таълими донишҷӯён; тавсияҳои методӣ оид ба рушди омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбики технологияҳои инноватсионии муосири таълим бо истифодаи шартҳои педагогии ошкоргардида дар раванди таълим тартиб дода шуда ва коркарди низоми меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои рушди омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим, ҳамчунин коркарди таъминоти методии он барои ғанӣ гардонидани таҷриба ва фаъолияти омузгорон мусоидат менамоянд.

Саҳми шахсии довталаб Ахмедова М.Ф. дар таҳқиқоти рисолаи илмии мазкур дар иштироки бевоситаи муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот, дар масъалаҳои таҳлилии кори илмӣ, гирд овардани мавод ва таҳлили амиқи адабиёти илмӣ, шарҳу тафсир ва муқоисаи назарияҳои олимони соҳа; коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда; таҳқиқ намудани сохтор ва мундариҷаи корбарӣ бо донишҷӯён; муайян кардани имкониятҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҷиҳати омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим; коркард ва тарики озмоиш санҷидани сатҳи омодасозии омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим; амалӣ намудани кори таҷрибавию озмоишӣ, мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додани натиҷаи корҳои таҳқиқотӣ; интишори мақолаҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот зоҳир гардидааст.

Диссертатсияи Ахмедова М.Ф. хусусияти эҷодкориро доро буда, фарогири таҳқиқи муфассали муаммои тадкикшаванда аст ва натиҷагирию муқоисаи маводҳои оморӣ дар диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф соҳиби тафаккури илмӣ буда, маҳорати иҷрои амалҳои мураккаби фикриро дорост. Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда оид ба таҳқиқи муаммои шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбики технологияи инноватсионии муосири таълим, ки дар ҷадвалу диаграммаҳо оварда шудааст, ҷолиби диққат мебошад, ки вобаста ба объекти омӯзиш ба роҳ

монда шуда, аз таҳлили оморӣ, математикӣ ва коррелятсионӣ иборат аст, ки хоси таҳқиқотҳои илмҳои педагогӣ мебошад.

Қобили кайд аст, ки тахкики муаммои шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбики технологияи инноватсионии муосири таълим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи диссертатсионӣ бори аввал мавриди омӯзиши илмӣ қарор гирифтааст.
Дар баробари омӯзиши диссертатсияи мазкур, ба хулоса омадан мумкин аст, ки муҳаққиқ ба мақсадҳои гузоштааш ноил гардидааст. Тавсия ва хулосаҳои илмии дар диссертатсия пешниҳодшуда, аз диди илмӣ навгонӣ эътироф карда шуда, метавонад самаранок гардидани фаъолияти педагогии кормандони муассисаҳои макотиби олӣ мусоидат намояд.

Диссертатсияи Ахмедова М.Ф. ягонагии дохилиро доро буда, методҳое, ки дар раванди таҳқиқот истифода бурда шудаанд, сифати мусбии диссертатсияро ифода намуда, онро метавон минбаъд дар таҳқиқотҳои илмӣ вобаста ба объекти омӯзиш мавриди истифода қарор дод. Ҳамчунин маводҳои диссертатсияи мазкурро метавон ҳангоми таълими фанни «Педагогика» истифода бурд.

Бо баробари муваффакиятхо ва дастовардҳои назарраси илмӣ дар диссертатсия аз нуктаи назари мо баъзе норасоихое низ ба чашм мерасад, ки ислохи онхо барои боз хам самаранок гардидани тахкикот мусоидат менамояд:

1. Азбаски дар мундариҷаи диссертатсия корҳои озмоишӣ – амалӣ дида мешаванд, хуб мешуд, ки намунаҳои корҳои иҷрокардаи донишҷӯён дар замимахо оварда шаванд, ки ин далели корҳои иҷрогардида мебошад.

2. Хуб мешуд, ки дар кисмати назариявии кор (хусусан дар боби якум) тахлили асарҳои олимони ватанӣ, ки ба мавзӯи тахкикшаванда бахшида шудаанд, бештар дода мешуданд.

3. Ба назари мо овардани баъзе таҷрибаи дигари макотиби олии кишвар барои муқоиса намудан ва муайян кардани камбудиҳои вуҷуддошта дар ҳалли муаммои таҳқиқшаванда мусоидат менамуд.

4. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои услубӣ, имловӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои ошкоршуда ба мазмуну муҳтаво ва аслияти кори диссертатсионӣ таъсир намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намекунанд. Кори диссертатсионӣ анҷомёфта буда, мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф ба мазмуни рисола мувофиқат мекунанд.

Нуктаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 13 мақолаҳои илмӣ, аз он ҷумла 5 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар автореферати диссертатсия дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд. Нашрияҳое, ки дар онҳо натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ интишор гардидаанд, дар худи диссертатсия, хулосаи он ва автореферат дарҷ гардидаанд.

Автореферати диссертатсия пурра муҳтавои рисоларо дар бар мегирад ва дар он натиҷаҳои асосӣ, ки дар бобҳо, зерфаслҳо ва зербандҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дарҷ гардидаанд, мутобиқат менамояд.

Диссертатсияи муҳаққиқ Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна дар мавзӯи "Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим" таҳкикоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назарӣ ва амалӣ ба талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат мекунад ва муаллифи он, сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи

ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**

Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи алгебра ва геометрияи "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" Сатторов А.Э.

*Имзои А.Э.Сатторовро тасдиқ мекунам*
*Сардори РК ва КМ– и Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав* *Шукурзод Ч.*

**Маълумот барои тамос:** 735140. Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Тел.+(992) 987-67-57-73.